**№2808/12-1 аз 17.03.2016**

Мақомоти ҳудудии андоз
Бахшҳои бақайдгирии
давлатии шахсони ҳуқуқӣ
ва соҳиборони инфиродӣ

«Илова ба мактуби №12835/7.
аз 08.12.2015 оид ба нуқтаҳои
фурӯши доруворӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот ба тартиби андозбандии нуқтаҳои фурӯши доруворӣ чунин иттилоъ медиҳад.

Дар доираи талаботи қонунгузории андоз субъектҳое, ки хоҳиши машғул шудан ба фаъолияти харид ва фурӯши дорувориро доранд метавонанд фаъолияти худро дар мақомоти андоз ҳамчун соҳибкори инфиродӣ алоҳида ё ин, ки ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гиранд.

**1. Тартиби бақайдгирӣ ҳамчун субъекти соҳибкори инфиродӣ**

Мутобиқ ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 №451 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 18.05.2009, №508 шахсони воқеие, ки хоҳиши ба роҳ мондани фаъолияти хариду фурӯши дорувориро доранд, метавонанд мустаъқилона ба бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ муроҷиат намуда, бо гирифтани Шаҳодатнома фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба роҳ монанд.

**2. Тартиби бақайдгирӣ нуқтаҳои фурӯши доруворӣ ҳамчун воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ**

Тибқи талаботи банди 35) моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳалли фаъолияте, ки дорои ҷудоияти минтақавӣ ва (ё) молумулкӣ аз шахси ҳуқуқӣ буда, ба муҳлати зиёда аз як моҳи тақвимӣ ташкил карда мешавад, воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ (филиал, намояндагӣ ё дигар) ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади баҳисобгирии воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ дар асоси муқаррароти моддаи 26 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013 №323 «Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақамҳои мушаххаси андозсупорандагон, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» тасдиқ карда шуда, вобаста ба тартиби баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва муқаррар намудани рамзҳои

сабабҳои ба ҳисоб гузоштан ба мақомоти ҳудудии андоз мактуби дастурӣ аз 21.08.2013, №7244/5.1 ирсол карда шудааст.

Ҳангоми ҳамчун воҳиди алоҳида бақайдгирии нуқтаҳои фурӯши доруворӣ шахсони ҳуқуқӣ, талаботҳои зерин бояд ба инобат гирифта шаванд:

1. **Пешниҳоди шартномаи иҷораи бино** (дар сурати соҳибмулк набудани шахси ҳуқуқӣ). Маблағи шартномаи иҷораи бино бояд аз маблағи миёнаи иҷораи биноҳои ҳаммонанд, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мегарданд, кам набошад.

   Иҷорадиҳанда тибқи талаботи қисмҳои 4 ва 11 моддаи 25 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор аст, ки дар қайди мақомоти андоз худро ҳамчун андозсупоранда гузошта, эъломияи андоз аз даромадро ба нозироти андоз пешниҳод намояд.
2. **Шумораи кормандони кироя**и нуқтаҳои фурӯши доруворӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қурғонтепа ва Кӯлоб бояд на кам аз ду нафарро ташкил диҳад. Ҳамзамон, мутобиқ ба маълумоти системаи идоракунии хавфҳо музди меҳнати миёнаи кормандони кироя дар нуқтаҳои фурӯши доруворӣ фаъолияткунанда бояд на кам аз 1000 сомониро дар як моҳ ташкил намояд.

   Дар дигар шаҳру ноҳияҳо бошад нишондоди миёнаи кормандони дар нуқтаҳои фурӯши доруворӣ машғул буда, бояд на кам аз нишондоди музди меҳнати миёна дар ҳамин шаҳру ноҳияҳоро ташкил намояд.
3. Воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқии ба ворид ва таҳвили доруворӣ машғулшаванда бояд дар фаъолияти худ ҳатман (на дертар аз 01.09.2016) аз **МНХ-и бо таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ** истифода намоянд.
4. **Барои гирифтани РСБ** шахси ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2013 №323 «Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақамҳои мушаххаси андозсупорандагон, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» ба нозироти андози маҳалли ҷойгиршавии худ муроҷиат намояд. Дар навбати худ, нозиротҳои андоз дар доираи талаботи муқаррargардида барои саривақт бо РСБ таъмин намудани шахсони ҳуқуқӣ, ки чунин воҳидҳои алоҳида доранд, чораҷӯӣ намоянд.

Бо назардошти ҳолатҳои қайдгардида, ба бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, мақомоти ҳудудии андоз супориш дода мешавад, ки ҳангоми муроҷиати субъектҳои хоҷагидор, ки ба воридот ва (ё) фуруши маҳсулотҳои доруворӣ машғул мегарданд бо ба инобат гирифтани талаботи қайдгардида, бақайдгирии давлатӣ ва назорати андозро дар фаъолияти онҳо, амалӣ намоянд.

Раис Н.Давлатзода